Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи "Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

Дар диссертатсияи мазкур муаллиф "Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ – иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)- ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур ин ошкор намудани асосҳои назариявӣ- амалии хусусиятҳои ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-педагогӣ дар замони муосир мебошад.

Дар боби якуми таҳқиқот асосҳои назариявии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ва психологию педагогӣ масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ ва иҷтимоӣ ба ҳайси муносибатҳои шахсият, ҳамчун фарогири донишҳои нав оиди муносибатҳои оиладорӣ, арзишҳо, идеалҳои ҷамъиятӣ ва принсипҳои этикӣ ва гуманистӣ таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар илми педагогика яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти имрӯзаи ҷомеа бунёди оилаи нав, аз ҷумла оилаҳои донишҷӯён ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он ба тарзи ҳаёт ва рафти инкишофи худи инсон низ вобаста аст. Мусаллам аст, ки ҷавонон дар ташкили оилаи худ мустақиланд, аммо ҷомеа ва давлат ҳеҷ гоҳ нисбат ба ин масъала бояд бетарафу бетафовут набуда, балки дар хушбахтиву пойдории он ҳамеша манфиатдор мебошанд.

Дар боби дуюми таҳқиқот "Мундариҷаи раванди ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ" таҳлили сатҳи ибтидоии ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ бо як чаҳорчӯба дар ҳамбастагии масъалаи мавриди таҳқиқ ба масъалаҳои коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва дар асоси онҳо ҷудо намудани дараҷаи ташаккулпазирии арзишҳои оила дар ҷавонони донишҷӯ бахшида шудааст.

Дар худи маънои умумӣ оид ба аҳамияти оила дар шуури ҷамъиятӣ ба он ҳам баҳо додан мумкин аст, ки дар байни дигар муҳимтарин арзишҳо барои инсоният, аз қабили кор, дӯстон, вақти холӣ, сиёсат, дин ва ғайраҳо ба оила чӣ гуна мақоме муносиб дониста мешавад.

Хулоса, ба андешаи муҳақиқ «арзиши оилавӣ» ба ҳайси мафҳуми сермаъно то ба қадри имкон баррасӣ карда шуд, ки он принсипи умумии моделҳоро фаро мегирад: рафтори инсон дар чаҳорчӯбаи фарҳанг ва ё ҷамъияти муайян тавассути раванди иҷтимоигароӣ, ки ба эътиқоди фард такя менамояд, аз ҷумла нисбати он ки оила арзиши гаронбаҳо буда, барои инсон маъно ва намунаи дилпазири ҳаёт маҳсуб мешавад.

Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар раванди тадқиқот ақидаҳо ва хулосаҳои олимонӣ хориҷӣ ва ватаниро ба таври кофӣ истифода бурдааст. Дар кори диссертатсионии мазкур миқдори зарурии ташхисҳои илми вобаста ба мавзуи интихобгардида аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, ки аксари онҳо дар маҷалаҳои тавсиягардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд. Муаллиф дар рафти таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсионӣ ба санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳа вобаста ба мавзуъ такя намуда ба таври кофи истифода намудааст, ки ин ба манфиати кор мебошад.

Ҳамин тариқ маврид ба зикр аст, ки новобаста аз баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ дар автореферати диссертатсия, муҳақиқ тавонистааст кори хуби илмиеро анҷом диҳад. Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муллифи он - Неъматов Р.Ҳ. ба натиҷаҳои возеҳ ва равшани илмӣ даст ёфта аст ва рисолаи илмии худро дар мавзуи “Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) бо ба инобат гирифтани талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра омода намудааст, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор дониста мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
Мутахасисси ШҲ КИТ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қурбонова Р.Т.

14.02.2024
Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 33.
Тел: +992 935562626
E-mail: robiahon@mail.ru

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Имзои Р. Қурбоноваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва коргузории
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муродова М.